***ТКБ 9 (07)***
***ТДУ 63.3***

# *САНЪАТИ БИНОКОРИЮ МЕЪМОРИИ УСТРУШАНА ДАР ИЛМИ ТАЪРИХНИГОРӢ*

***Шарифов Шавкат,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи ватан ва археология;* ***Маҳкамов Саидқул Суярқулович,*** *сармуаллими кафедраи умумидонишгоҳии таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *АРХИТЕКТУРНОЕ ИСКУССТВО УСТРУШАНЫ В ИСТОРИОГРАФИЧЕСКОЙ НАУКЕ*

***Шарифов Шавкат,*** *к.и.н. доцент кафедры истории отечества и археологии;* ***Махкамов Саидкул Суяркулович,*** *старший преподаватель общеуниверситетской кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

# *ARCHITECTURAL ART USTRUSHAN IN HISTORIOGRAPHICAL SCIENCE*

***Sharifov Shavkat,*** *candidate of historical sciences, Associate Professor of the department of home history and archeology;* ***Mahkamov Saidkul Suyarkulovich,*** *senior lecturer of the all-university department of the history of the Tajik people under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***Email:*** *shavkat_5353@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *санъати бинокорӣ, меъморӣ, шаҳрсозӣ, Уструшана, Бунҷикат, таърихнигорӣ, қасри афшинҳо, кишваршиносони рус, осори муҳаққиқон*

*Мақола ба масъалаи таърихнигории санъати бинокорию меъмории яке аз вилоятҳои таърихии Мовароуннаҳр - Уструшанаи асримиёнагӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки дар бораи санъати бинокорию меъмории муаллифони сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ, муҳаққиқони тоинқилобӣ ва замони шӯравии рус, муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ маълумоти фаровон додаанд. Доир ба услуби шаҳрсозию меъмории Уструшана муаллифони сарчашмаву осор истифодаи маҳсулоти меъморӣ, тарзи иншоотсозӣ, сохти биноҳои истиқоматӣ, қасру кӯшкҳои афшинҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар мақола зикр мегардад, ки агар доир ба масъалаи шаҳрсозию меъмории Уструшана муаллифони сарчашмаҳои таърихии хаттӣ маълумот дода бошанд, пояи дуюмини маълумоти ин ҳунару санъати уструшаниҳоро бозёфтҳои нодири археологӣ ташкил медиҳад. Дар бораи меъморию иншоотсозии Уструшана муҳаққиқони хориҷӣ низ маълумот дода бошанд ҳам, бештари масъаларо олимони ватанӣ дар осори худ матраҳ менамоянд. Қайд мегардад, ки аз се қисми шаҳрҳои асримиёнагӣ – кӯҳандиз, шаҳристон ва работ бештар кӯҳандиз ва работ омӯхта шудааст.*

***Ключевые слова:*** *строительное искусство, архитектура, градостроительство, Уструшана, Бунджикат, историография, дворец афшинов, русские краеведы, наследие исследователей*

*Статья посвящена проблеме историографии искусства строительства и архитектуры одной из исторических областей Мавераннахра - средневековой Уструшаны. Отмечается, что об искусстве строительства и об архитектуре ценные сведения дают письменные средневековые источники, а также дореволюционные и советские русские исследователи, отечественные и зарубежные ученые. В указанных источниках и публикациях сообщается об использовании строительных материалов, способах строительства зданий, жилищ, дворцов афшинов. В статье отмечается, что наряду со сведениями письменных исторических материалов важным источником изучения искусства строительства уструшанцев являются археологические находки. Отмечается, что из трёх частей средневекового города кухандиз (крепость), шахристан (жилой посёлок) и рабат (базар и мастерские) больше изучены кухандиз и рабат.*

***Key words:*** *building art, architecture, urban planning, Ustrushan, Bunjikat, historiography, Afshins' palace, Russian local historians, researchers' heritage*

*The article dwells on the issue concerned with historiography of art of construction and architecture of one of the historical regions of Maverannahr - medieval Ustrushan. It is underscored that written medieval sources, as well as pre-revolutionary and Soviet Russian researchers, home and foreign scientists provide*

*valuable information beset with art of construction and architecture. These sources and publications report on the use of building materials, methods of construction of buildings, dwellings, palaces of Afshins. They note that alongside with information from written historical materials, archaeological finds are an important source for studying the art of construction of Ustrushanians. It is noted that of the three parts of the medieval city kuhandiz (fortress), shakhristan (residential settlement) and rabat (bazaar and workshops), kuhandiz and rabat have been studied in details.*

Саҳми муаррихон, ховаршиносон, бостоншиносон, муҳаққиқони таърихи меъморӣ дар таҳқиқу омӯзиши санъати бинокорию меъморӣ, рассомӣ, ҳунари наққошии бадеию ороишии рӯи чӯб, девор ва зарфи рӯзгор, ороишоти занона ва дигар фарҳанги моддии Уструшана дар асрҳои VIII-X бузург аст.

Санъати шаҳрсозию меъморӣ ва бинокории Уструшана пеш аз ҳама дар сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофии таърихӣ инъикос ёфтааст. Муаллифи «Ашкол-ул-олам» Абулқосим Ҷайҳонӣ доир ба мулки Уструшанаи давраи истилои арабҳо ва салтанати онҳо, замони ҳамроҳ шудани он ба қаламрави Сомониён маълумоти муфассали таърихию ҷуғрофӣ овардааст. Муаллиф доир ба ҳудуди ҷуғрофӣ, вилоятҳои ҳамҷавори Уструшана, тақсимоти маъмурии он, пойтахти вилоят – шаҳри Бунҷикат ва се қисмати он: кӯҳандиз, шаҳристон, работ ва шуғли мардуми он ахбори шавқовар медиҳад. Дизакро муаллифи «Ашкол-ул-олам» тавсиф намуда, қайд мекунад, ки «шаҳрест дар замини нарм ва бад-он ҷо дарбанд нигоҳ медоранд. Ва дар он ҷо работҳо ва саройҳои бисёр аст гузаронандагонро. Бузургтар работе Ҳадсер бошад аз он ҷо ба ду фарсанг. Ва ин работест машҳуртар аз работҳои Мовароуннаҳр. Ва онро Афшин сохтааст ва наздиктар работе ба душман он аст. Дар миёни работ чашмаи об аст. Ва Дизакро оби равон аст, бӯстонҳо ва иморат ва зироат ва фарохии неъмат бағоят» [1,с.66].

Абӯисҳоқи Истахрӣ дар асари худ «Китаб ал-масалик вал-мамолик» (соли китобати он 930-933) маълумоти ҷолиби таърихию ҷуғрофиро меорад. Биноҳои Бунҷикатро иборат аз маҳсулоти сохтмонии гилӣ ва чӯбӣ қайд намуда, зикр кардааст, ки шаҳристон ва работи он бо деворҳои алоҳида ҷудо шудаанд. Шаҳристони шаҳр ду дарвоза – Дари Болоин ва Дари Шаҳристон дошта, работи шаҳр тибқи ахбори Истахрӣ аз чор дарвоза: Дари Зомин, Дари Марсманда, Дари Нуҷикат ва Дари Каҳлобод иборат аст [2,с.26-27].

Ибни Ҳурдодбеҳ аз мавҷуд будани шаҳр - маркази маъмурӣ хабар дода, менависад, ки сарои амир дар аморат ва кохи амир, волӣ ё ҳоким маъмулан дар кӯҳандиз қарор дошт ва дар баъзе шаҳрҳо дар беруни қалъа ҷойгир буд. Ҳамчунин Ибни Ҳурдодбеҳ чунин менигорад: «Ҳокимниши он (Уструшана) Бумиҷкат аст, дар ҳудуди даҳ ҳазор тан сукунат дорад ва биноҳояш аз гилу чӯб аст» [31,с.173].

Бояд қайд кард, ки ахбори овардаи муаллифони асримиёнагӣ доир ба Уструшана ба ҳамдигар шабоҳат дошта, маълумот такрори якдигаранд ва доир ба санъати шаҳрсозию меъмории он хеле кам ба назар мерасад. Муаллифони осори хаттии асримиёнагии арабу форсизабон маълумотро ба таври худ тавсиф намуда, доираи фаҳмишҳои илмиашон дарки илми воқеии таърихӣ нестанд. Дар бораи санъати меъморию иншооти маишӣ маълумоти муфассали муаллифони осори хаттии асримиёнагӣ мушоҳида намешавад.

Доир ба Уструшана дар марҳилаҳои ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр, аз ҷумла давраи Сомониён қайду ёддошт, асарҳо ва мақолаҳои зиёди кишваршиносон, сайёҳон, муҳаққиқон, бостоншиносон, санъатшиносон, мардумшиносону шарқшиносони тоинқилобӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, П.И Лерх (соли 1867), А.А.Кушакевич (соли 1871), Н.С.Ликошин (соли 1890) ва В.В.Бартолд (солҳои 1893-1894) ба ноҳияи Шаҳристон сафар карда, аз мавҷудияти ёдгориҳои бостоншиносӣ, қасру кӯшкҳо, шаҳри асримиёнагӣ ва иншооти меъмории он хабар додаанд. Минбаъд муҳаққиқони маъруфи шӯравӣ М.С. Андреев, О.И. Смирнова, Е.Д. Салтовская, О.Г.Болшаков, С.Г. Хмелнитский ва дигарон низ дар ин бора маълумоти бештар ва саҳеҳро дар тадқиқоти худ овардаанд.

Соли 1890 яке аз муҳаққиқони тоинқилобии рус Н.С.Ликошин дар Шаҳристон ба таҳқиқи топографӣ машғул шуда, кӯшки Чилхуҷраро омӯхтааст. Таваҷҷӯҳи асосии Н.С.Ликошинро обёрии воҳаи Шаҳристон, осори ёдгории дар ин ҷо маҳфуз буда, ҷалб намудааст. Дар ин бора ӯ чунин менигорад, ки дар воҳаи Шаҳристон ёдгориҳои археологие вуҷуд доранд, ки аз хишти пухта сохта шудаанд [9,с.9-10]. Н.С.Ликошин аз мавҷудияти ёдгориҳои Шаҳристон маълумоти ҷолиб дода, ба аъзои “Маҳфили дӯстарони археологияи Туркистон” муроҷиат менамояд ва таваҷҷӯҳи онҳоро ба омӯхтани ёдгориҳо мазкур ҷалб месозад.

Дар асоси ахбори Н.С.Ликошин солҳои 1893-1894 яке аз ховаршиносони маъруфи рус В.В.Бартолд ба Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Тоҷикистони Шимолӣ сафар кардааст. Зимни сафараш олим мавҷуд будани марказҳои фарҳангӣ ва макони археологии ноҳияи Шаҳристонро муайян намуда буд [3,с.75-76]. Академик В.В.Бартолд дар ноҳияи Шаҳристон мавҷуд будани маркази маъмурии Уструшана – Бунҷикатро зикр намудааст.

Дар хусуси вусъати ҳудуди қасри Бунҷикат яке аз ховаршиносони маъруфи рус О.И.Смирнова қайд мекунад, ки он ҳудуди калонеро фаро гирифта, дар он қисман дӯкону иншоотҳои маишӣ ва дар ҳолатҳои фавқулода ҷои гурези аҳолии шаҳр будааст [29,с.194-195].

Дар тадқиқоти худ муҳаққиқи соҳаи меъморӣ, санъатшинос В.Л.Варонина доир ба Қалъаи Қаҳқаҳа 1, ки яке аз қисматҳои асосии Бунҷикат маҳсуб меёфт, маълумот додааст. Ӯ қайд мекунад, ки қаср аз биноҳои ёрирасон, суфа, айвон, роҳрав иборат буда, масолеҳи сохтмон, аз хишту чӯб ва ғайра иборатанд [4,с.231-266].

Асару рисола ва мақолаҳои олимони рус доир ба санъати меъморӣ, сохтмони биноҳо ва нақшу нигори онҳо ва умуман шаҳрсозии Мовароуннаҳру Хуросон, аз ҷумла Уструшана дар илми таърихнигорӣ аҳамияти муҳим доранд. Аз зумраи чунин ховаршиносон, санъатшиносон Л.В.Воронина, Б.Н.Засипкин, В.Л.Лавров, А.М.Прибиткова, С.Г.Хмелнитский, А.М. Беленитский ва дигарон доир ба масъалаҳои дар боло зикр шуда таълифоти зиёд ва пурарзишеро ба нашр расонидаанд, ки аҳамияти омӯзиш ва арзиши баланди илмиро моликанд.

Гурӯҳи дигар ва хеле пурарзиши таҳқиқоти илмӣ ва манбаи таърихнигорӣ доир ба Уструшана асарҳо ва мақолаҳои илмии оид ба таърих, мавқеи ҷуғрофӣ, мансубияти қавлӣ, мероси моддӣ ва маънавӣ, ҷойноми Уструшана таълиф намудаи олимони маъруфи тоҷик Б. Ғафуров, Н. Неъматов, А. Мухторов, Ӯ. Пулодов, А. Мирбобоев, С. Абдуллоев, Н. Турсунов, Ҳ. Пирумшоев, Н. Раҳимоврo ном бурдан мумкин аст.

Академик Б.Ғафуров дар асари безаволи худ “Тоҷикон” дар тавсифи масъалаи таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Уструшана аз мавҷудияти ёдгориҳои муҳими археологӣ ва меъмории он дар ноҳияи Шаҳристон, аз ҷумла аз Қалъаи Қаҳқаҳа I, II, кӯшкҳои Ӯртақурғон, Чилҳуҷра маълумотҳои ҷолиб додааст. Ӯ қайд мекунад, ки иншооти меъморӣ ва қасри афшинҳо дар коми оташ афтода, миқдори хеле ками он то замони мо расидааст, вале нақшу нигори он ва ороишоти амалии он аз фарҳангу санъати баланди бинокорӣ гувоҳӣ медиҳад [6, с.328-329].

Саҳми Экспедитсияи комплексии бостоншиносии Шимолӣ тахти роҳбарии академик Н.Неъматов дар таҳқиқу омӯзиши таърих ва фарҳанги Уструшанаи бостонӣ беандоза аст. Тӯли солҳои 1955-1958 ва 1960-1961 дар қасри афшинҳои Уструшана Қаҳқаҳа I, II, III ва дар тӯли солҳои 1960-1962 дар комплекси археологии Чилдухтаронр ҳафриёти бостоншиносӣ гузаронида шуда, санъати баланди бинокорӣ, меъморӣ ва шаҳрсозиии Усрушанаи асримиёнагӣ ошкор гардид. Дар ин бора осори сершумори олими сермаҳсул, академик Н.Неъматов маълумоти фаровон медиҳанд [17].

Академик Н.Неъматов доир ба таърихи фарҳанги Уструшана татқиқоти силсилавӣ нашр намудааст, натиҷаҳои ҳафриётҳои бостоншиносӣ пойтахти ин вилояти бонуфуз – Бунҷикат, қисмҳои онро мавриди таҳлил қарор додааст [16,с.15-104]. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки дар ин ҷо Қалъаи Қаҳқаҳа I ҷойгир буда, марказ ва арк – қасри афшинҳо маҳсуб меёфт. Дар он тахти шоҳ ҷойгир буда, дар дохили он хонаи хурди қабули сафирон, шаҳрвандоне, ки бо муроҷиат ба назди афшинҳо меомаданд, мавҷуд буд. Ин иншоот 95 метри мураббаъ аст ва доир ба ибодатхона, меҳмонхона, хонаҳои истиқоматии афшинҳо, кӯрхона ошпазхонаҳо ва дар қасри афшинҳо будани зиндон маълумот дода мешавад [16,с.22]. Таҳқиқу омӯзиши бостоншиносии қисми шимолии Қаср Қаҳқаҳа I нишон дод, ки он дар давоми асри VII-VIII сохта шуда, то ибтидои асри X мавҷуд буд ва минбад дар асрҳои XI-XII аз нав барқарор шудааст. Иншооти мазкур аз хиштҳои одии андозаашон 49 X 51 X 24-25 X 9 см сохта шудааст, ки маъмулан ба услуби меъмории асрҳои VII-VIII хосанд. Қисман деворҳои он бо гилхок ловида шудааст. Тибқи маълумотҳои археологии бадастомада, маълум гардид, ки марҳилаи аввали бунёди он ба асрҳои VII-VIII ва марҳилаи дуюми барқароркунӣ ва меъмории он ба асрҳои X-XII рост меояд [16,с.38].

Доир ба Қалъаи Қаҳқаҳа II маълумот дода, академик Н.Неъматов зикр менамояд, ки он аз хонаи дохилии сеошёна иборат буда, бо деворҳои камбар қасри калонро нишон медод. Дар оғози асри IX вай аллакай хароб гардида, ба кӯҳандиз – саройи қаср табдил меёбад.

Қалъаи Қаҳқаҳа II дар ибтидо аз мавқеи ҷойгиршавиаш маълум аст, ки шаҳр буд. Худи шаҳр – шаҳристон дар атрофи қалъа мавҷуд набуда, танҳо шимоли онро дар бар мегирифт. Қалъаи

Қаҳқаҳа II дар ҷануби кӯҳ ҷойгир шудааст. Дар нақша он шакли чоркунҷа ва андозаи 210х230 дорад, аз ғарб ба ҷануб кӯҳ чун давра тӯл мекашад ва дар шарқу шимол деворҳо кашида шудааст. Боқимондаи девори шимолӣ дарёфт шудааст, ки бо хишти хом бардошта шуда, 6 метр баландӣ дорад. Дар қисмати шимолу шарқӣ тал мавҷуд буда, боқимонадаҳои қасрро пинҳон мекард. Дар қисми ҷанубии шаҳрак истгоҳе ба андозаи 55х140 метр сохта шудааст. Боқимондаи ҳудуди шаҳрак (65х95м) ягон иншоот сохта нашудааст [16,с.44; 21,с.118].

Деворҳояш, - мегӯяд, - академик Н.Неъматов, аз похсаю хишти хоми калон сохта шуда, сутуну сақфаш чӯбин аст. Хонаҳо паси ҳам сохта шуда, аз шарқ ба ғарб зина ба зина дар аз се қабат ҷойгир шудаанд. Қабати якум аз даҳлези даромад, толори чоркунҷаи қабулгоҳ, хонаи хоб ва айвон иборат буд. Қабати дуюм ва сеюм дар таҳкурсии сунъӣ, аз похсаи зичи гилӣ сохта шудааст. Дар ин қисматҳо чор хона мавҷуд буда, яке аз онҳо хонаи асосии шоҳ, дигар ошхона, хонаи хизматгорон мебошад, ки бо роҳравҳои алоҳида фарқ мекарданд. Иморат бошукӯҳ ва калон буда, деворҳои он бо хишт ва тарзи махсус ороста аст [18,с.10]. Умуман, қасри Бунҷикат нишон медиҳад, ки он аз рӯи услуби меъмории маҳаллӣ сохта шуда, намунаи санъати баланди меъмории бинокории дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Ин бино тайи асрҳои VI-VII сохта шуда, ҳангоми забткории арабҳо дар Уструшана соли 822 оташ зада шуда, баъзе намунаҳои гаҷкорӣ ва аз санъати баланди меъмории қасри афшинҳоро нишон медиҳад.

Аз санъати баланди бинокорӣ ва меъмории Қалъаи Қаҳқаҳа III академик Н.Неъматов маълумот медиҳад, ки дар сари роҳ ва соҳили рости Шаҳристонсой ҷойгир аст. Он дар макони зисти сокинони пештараи шаҳрак ба вуҷуд омада, бо деворҳои алоҳидаи бурҷдор иҳота шудааст. Деворҳо тамоми қисми Шаҳристони болии ғарбиро иҳота кардааст. Аз тарҳи меъмории девор маълум аст, ки он се қабата буда, дар асрҳои IX-X бунёд шудааст. Девори шарқӣ ва қисман ҷанубии Қалъаи Қаҳқаҳа III боқӣ мондааст. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки дар қисми тали шимолӣ иншооти кӯшки истиқоматӣ (қаср) бо канали обӣ(обдузд) бо дарозии 140-145 см. бо хишти андозааш 49-50х24-25х9-10 см. боқӣ мондааст. Ин системаи обгузаронӣ бо номи «обдузд» барои обёрии шаҳр дар асрҳои миёна маъмул буд [16,с.15-89].

Академик Н.Неъматов шаҳраки аҳолинишини Бунҷикатро, ки қисмати асосии шаҳр маҳсуб меёфт, бо чор сатҳи истиқоматӣ: 1 – бо дарозӣ ва паҳнои сохташудае, ки дохили онҳо бо деворҳои алоҳида ба се ҳуҷра – дарунӣ, миёна ва берунии айвондор тақсим мешуд; 2 – иборат аз долони канизони хона ва иншооти ошхона аст; 3 – ба се ҳуҷра тақсим шуда, бо тарҳи банақшагирӣ; 4 – бо роҳрави шонамонанд сохта шуда, бинои истиқомати сарбозон ба ҳисоб мерафт ва аз 20 ҳуҷраҳои пештоқдор, ки ҳар як он ба роҳрав пайваст мебошад, бино ёфтааст, тасвир намудааст [16,с.23-39,с.106-115].

Ба андешаи академик Н.Неъматов дар Бунҷикат дар асрҳои V-VI маркази шаҳр ба вуҷуд омад ва дар асрҳои IX-XII бошад он ба се қисм ҷудо шуд: Кӯҳандиз (қалъаи Қаҳқаҳа II), шаҳристон (қалъаи Қаҳқаҳа I) ва қисми ҳунармандию тиҷорат – работ [18,с.8].

Тарҳи масҷиди бузурги Чилдухтаронро тасвир намуда, Н.Неъматов қайд мекунад, ки боми толор мусаттаҳ ва бар чандин сутуни чӯбӣ устувор аст. Толор ба се хонаи дигар ва ҳаёти кӯчак пайвата буда, меъмории масҷиди бузург низ бо дигар биноҳои динии Мовароуннаҳри асрҳои X то XII шабоҳат надорад, яъне тарҳи бино шакли саҳеҳе надорад. Маркази он ҳам мушаххас нест ва меҳроб гӯё тасодуфан сохта шудааст [20,с.166-167].

Қалъаи Қаҳқаҳа 1 шакли номунтазам дошта, тақрибан 5 гектарро ташкил менамояд, дар атрофи он девор кашида шуда, бо тахтагилҳо (85х65 см) ва хишт (50х25х10 см) ин деворҳо бардошта шудаанд [21,с. 118].

Ҳафриётҳои харобаи Бунҷикат нишон медиҳад, ки биноҳои сангини ду ва сеқабата дар қалъаи Қаҳқаҳаи аввал ва Чилдухтарон мавҷуданд.

Дар ҳама гуна қасрҳои асримиёнагӣ анборҳои махсуси молу амвол ва ашёи зарурӣ мавҷуд буда, аз ҷиҳати меъморӣ барои хуб нигоҳдорӣ шароит фароҳам оварда шуда буд. Аз ҷумла, дар Қалъаи қаҳқаҳа қасри дуюми афшинҳои Уструшана чунин анборҳои нигаҳдории маводи хӯроки мавҷуд буд. Дар зери фарши ҳар ду девори даромадгоҳи қаср, суфаи дарози роҳрави марказӣ ва суфаҳои толори тахт қатор-қатор хумҳои калон гӯронида ва болои онҳо бо лой ловида шудааст. Аз тарафи бостоншиносон 43 намуди хум дарёфт шудааст. Ҳаҷми ҳар як хум аз 158 то 295 литр аст. Ҳаҷми умумии ҳамаи хумҳо 9303 литр мебошад, яъне дар қаср дар як вақт қариб то 9 тонна хӯроквори захира кардан мумкин буд [18,с.12-13].

Барои сохтани қалъаву кӯшкҳо аҳамияти калон дода шуда, тибқи лоиҳакашӣ ва меъмории биносозӣ сохта мешуданд. Хусусияти дигари биноҳои кӯшкӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба таври

иншооти истеҳкомӣ бунёд шудаанд. Онҳо дар асоси нақшаи муайяни меъморон бо девори ғафси баланди бурҷдор, ки бо пойдевори баланд сохта шудаанд, аз тарафи бостоншиносон ошкор гардидаанд. Ҳамзамон барои сохтмони ин гуна иншоот синфи ҳукмрони ташаккул ёфтаистодаи феодалӣ таъсир ва ҳокимияти худро нишон медод. Метавон гуфт, ки сохтмони муқаррарии деҳаҳо, работҳо ва кӯшкҳои маҳфузмонда таҷассуми намоёни ин ҳокимият аст.

Бинокории Уструшана дар якчанд самт инкишоф ёфтааст: истеҳкомӣ, иншооти меъморӣ, бинокории асосии истиқоматӣ ва иншооти обиёрӣ.

Истифодаи зинаҳоро дар иншооти меъмории Уструшана академик Н.Неъматов ду намуд: 1 – шакли одие, ки ду қатор дорад (қасри Қалъаи Қаҳқаҳаи 1) ё се қатор (кӯшки Ӯртақурғон ва Тирмизактеппа) борик ва гардишдор дар роҳравҳо бо фаршҳо баробар; 2 – намуди мураккаб дошта, ки дар қасри Қалаи Қаҳқаҳа II ва кӯшки Чилҳуҷра асосан аз хишти хом сохташуда, меҳисобад [19,с.13].

Аз рӯи шакли умумии ҳама ёдгориҳои Уструшана то ҳол гузаронида шуда, баъзеи он пурра ва қисман ҳафриёт шуда ба қисмҳо тақсим кард мешавад: 1) бо тарҳбандии мураккаб (аз ҷумла ҳуҷраҳои давлатӣ, хонаҳои истиқоматӣ, меҳроб, ибодатгоҳи хурд, долонҳои хоҷагӣ), бо ороишкории бисёр ва истеҳкоми пуриқтидор (бинои Чилҳуҷра), ё дар як ҳавлие, ки бо деворҳо иҳота шуда, дар бо сохтмони фарҳангии сунъӣ дорад (бинои Ӯртақӯрғон); 2) қасри номураккаб ба номи Долонишона бо тарҳбандии беохири ороишёфта, воқеъ дар як теппакӯҳ (Тирмизактеппа) ё хусусияти кишоварзӣ дошта, бо деворҳои қалъамонанд иҳоташуда(Тоштемиртеппа) навъи қасабаҳои зич Қаробулоқ ва Хон-Яйлов мебошанд, ки дар натиҷаи ҳафриётҳои археологӣ омӯхта шудаанд [21,с.119].

Дар сохтмони бино ҳунари наққошӣ дар девор, истифода шуда, устоҳои наққош, гаҷкорӣ ва дар хишти пухта шаклҳои ҳандасиву табиии гуногунро истифода мебурданд [21,с.121-122].

Таҳқиқоти бостоншиноси маъруф, кашшофи нахустини фарҳанги моддӣ ва тамаддуни пурвусъати Уструшана академик Н.Неъматов маҳсуб меёбад, ки пояи маълумот ва таълифоти ӯро асосан натиҷаҳои ҳафриёти археологии бисёрсолаи муаллиф дар ҳудуди Уструшана гузаронидашуда ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқи Уструшани ҷанубӣ академик Ю.Якубов доир ба биноҳои меъмории Буттам маълумот дода, қайд мекунад, ки қасабаи Кум низ дар маркази воҳаи Буттам қарор дошта, он иборат аз 30 ҳуҷра аст. Дар натиҷаи ҳафриёти қалъа аз он маҳсулоти хоҷагӣ, аз ҷумла анбори ғалла ва дигар макон барои маҳсулот дарёфт шуд. Девори ғарбии он мудофиавӣ буда, аз таҳкурсӣ ва 3 метри он аён аст. Девор шояд панҷара дошта бошад ва сангарҳо барои паронидани тир ва партофтани сангҳо вуҷуд дошт. Дар қалъа ҳуҷрае мавҷуд буд, ки ҳокими Буттам дар он менишаст [32,с.48-49].

Таҳқиқоти профессор Ӯ.Пӯлотов дар асоси бозёфтҳои нодири археологӣ таълиф шуда, иншооти меъморӣ ва манзилҳои истиқоматии уструшаниҳо воқеъ дар ноҳияҳои имрӯзаи Шаҳристон ва Деваштич омӯхта шуданд. Профессор Ӯ.Пулодов дар ноҳияи Шаҳристон кӯшки Чилҳуҷраро омӯхтааст. Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ кӯшки Чилҳуҷраро Ӯ.Пулодов аз лиҳози сохтмони меъморӣ иборат аз се қисмат нишон додааст. Аввалан, қисми марказии ядроии бино; дуюм, қисми ғарбӣ, шимолӣ ва шарқии хонаҳои андарунии дар як қатор сохташудаи дарҳои даромадашон дар як хат қарордошта иборат аст; сеюм, қисми ҷанубии хонаҳои андарунии дар як хати меъморӣ қарордошта бо тамоми бинои ошёнаи якум ва тамоми ошёнаи дуюм бо пандус (остонаи васеъ) иборат мебошад. Дар маҷмӯъ, кӯшки Чилҷуҷра аз ҷиҳати меъморӣ ба ёдгориҳои дар ҳудуди Уструшана қарордошта, бо Тирмизактеппа, Қалъаи Қаҳқаҳа I ва Мунҷоқтеппа шабоҳат дошта [24,с.155], яке аз ёдгориҳе мебошад, ки аз ҷиаҳти услуби меъморӣ хеле моҳирона бунёд шуда, хоси иншооти кӯшкии асримиёнагии ибтидоӣ бо деворҳои махсуси фортификатсионӣ (истеҳкомӣ) ва манзилиро дар бар мегиранд.

Дар ҳудуди ноҳияи Деваштич Қалъаи Кофар аз ҷониби профессор Ӯ.Пулодов ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX таҳқиқ гардида, санъати баланди меъморӣ, бинокорӣ, ороишоти амалӣ, ҳунари металлгудозӣ ва оҳангарию рехтагарии мардуми Уструшанаро ошкор намуд, ки дар омӯзиши ин мулк аҳамияти калон илмӣ дорад [25,с.20-26].

Дар осори профессор А.К.Мирбобоев масъалаҳои муҳими таърихи дину оин ва фарҳанги маънавии уструшаниҳо бештар ба назар расад ҳам, санъати меъморию шаҳрсозии Уструшана, роҳҳо, қубурҳои обгузари шаҳрҳои асримиёнагӣ, маҳсулотҳои иншоотсозӣ ва шаҳрсозӣ низ инъикоси худро ёфтааст [13,с.267-426].

Дар тадқиқоти худ профессор Н.Раҳимов қайд мекунад, ки «раванди шаҳрсозӣ, дар асрҳои миёна рушд ёфтааст. Дар ин муддат аксари шаҳрҳои Осиёи Миёна ба раванди шаҳришавӣ мегузаранд. Ин ҷараён дар шимолу шарқӣ, ба хусус ба вилоятҳои таърихию фарҳангии Осиёи Миёна хос аст» [27,с.4]. Дар ин минтақа вилояти Уструшана низ шомил буд, ки пештар аз ин тибқи маълумоти профессор Н.Раҳимов ба ҳазорсолаи якуми пеш милод ба вуҷуд омада, ибтидо ва миёнаи ҳазораи якуми солшумории мо инкишоф ёфта буд [27,с.62].

Профессор Н.Раҳимов дар шаҳрсозии Асбаникат дар сохтмони иншоотҳо истифодаи гилхок ва чӯбу похсаҳоро хабар додааст. Ҳамчунин «хиштҳои махсус дар истифодаи devори биноҳо ба кор мерафт. Аз ҷумла, андозаҳои 40х20х10 см; 38х19х10; 37х18.5х10 см аз қабили онҳост, ки дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ аз биноҳои истиқоматӣ, хона ва танӯрҳои нонпазӣ ва дигар намуди иншоот аз ҷумлаи онҳост. Ин далел аз панҷ марҳилаи сохтмони шаҳр гувоҳӣ медиҳад» [26,с.145].

Шаҳрдорӣ ва шаҳрсозӣ дар Уструшана мақоми хосро ба худ касб карда буд. Аз ҷумла, «шаҳрсозони Уструшана ба нуқтаҳои асосӣ таваҷҷӯҳи махсус медоданд: обёрӣ, системаи обрез ё обу ташноб (канализасия), хизматрасонӣ ба тоҷирон дар шаҳр. Ба системаи шабакаи обёрӣ аҳамияти калон дода шуда, бо каналҳои рӯкушову махкам (обдуд) ва дар ҳолатҳои зарурӣ он баста мешуд. Дар шаҳрҳои дар водӣ ҷойгиршудаи Уструшана об аз каналҳо ва ҳавзҳо истифода мешуд. Дар шаҳрҳои дар доманакӯҳҳо ҷойгиршуда обро ба воситаи корез истифода мебурданд» [26,с.187].

Яке аз муҳаққиқони санъати меъморӣ ва бинокории Уструшана С.Мамадҷонова мебошад, ки доир ба ин масъала рисолаи номзадӣ низ дифоъ намудааст [10]. Ӯ қайд мекунад, ки дар қисмати кӯҳии Уструшана анъанаҳои меъмории осиёимиёнагии қадима идома меёфт. Дар Уструшанаи асримиёнагӣ шаҳрҳои Дизак, Зомин, Ховас, Собот, Вагат, Шавкат, Куркат ва дигарон аз ҷиҳати ёдгориҳои фарҳангию меъморӣ бой буданд. Бунҷикат аз ҷиҳати фарогирии ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории зиёд ҷойи муҳимро ишғол мекунад [10,с.9-10].

С.Мамадҷонова менигорад, ки дизи шаҳри Бунҷикат аз хонаи дохилии сеошёна иборат буда, бо деворҳои камбар қасри калонро нишон медод. Дар оғози асри IX вай аллакай хароб гардида ба кӯҳандиз – саройи қаср табдил меёбад. Дар назди дарвозаи шимолӣ маркази савдо ривоҷ ёфта - мураббаъ бозор, на он қадар дур аз шаҳр дахма ҷойгир шудааст. Дар ду соҳили Шаҳристонсой бо рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ қаламрави шаҳр васеъ гашта буд. Ин минтақа тадриҷан ба қисми таркибии маркази шаҳр табдил ёфта, дар назди шаҳр маркази ҳунарманди он, яъне ба работ табдил меёбад. Аз асри X қисми бештари он аз ҷониби devори махсус иҳота шудааст, ки ин бештар ба Қалъаи Қаҳқаҳа III шабоҳат дорад [10,с.10].

С.Мамадҷонова истифодаи маҳсулоти бинокории Уструшанаро низ номбар карда, ҳамзамон хишти хом, пухта, чӯбу гилхок ва сангҳои гуногунро серистеъмол меҳисобад. Аз ҷумла, хишти хоми дорои ҳаҷми 55х25х9 см. аз деҳаи Мадм ва истифодаи банақшагирю изи даст дар замони сохтмон боқӣ мондааст. Хишти пухта дар кӯраҳои махсус тайёр карда мешуд ва танҳо барои пайвастану ҳамҷоякунии бино, зинаҳо истифода мешуд, вале дараҷаи корбурди он хеле кам буд. Дар ноҳияи Шаҳристон дар натиҷаи ҳафриёти Экспедитсияи комплексии бостоншиносӣ Тоҷикистони Шимолӣ дарёфт шудани чунин ҳафт печи хиштпазӣ маълумот вуҷуд дорад. Истифодаи сангҳо (варақсанг, регсанг, оҳаксанг, хоро) дар биноҳо, бахусус дар рустоҳои кӯҳӣ бештар ба назар мерасид. Дар Чилдухтарон, дар devори ғарбии қасри Кум (дар водии Зарафшон низ бо чунин ном қасре мавҷуд буд) 50 см аз санг ва пойдевор devори гилии Қаробулоқ аз санг иборат буд.

Таҳкурсии биноҳо ҷолиби таваҷҷӯҳ буда, маҳорати меъморони Уструшанаро нишон медиҳад, ки тазйини маҳаллии хос дорад. Ҳафриёти Қалъаи Қаҳқаҳа II ба ин мисол шуда метавонад, ки бо сангҳо таҳкурсии деворҳо то баландии 3 м. бардошта шудааст [12,с.227].

Яке аз чунин ёдгории бостоншиносии Мовароуннаҳр, ки манзилгоҳи истиқоматии устурушаниҳо маҳсуб меёбад, ин ёдгории Хон Яйлов мебошад. Он дар 22 километрии ҷанубии Шаҳристони имрӯза, дар наздикии дараи Оқтангӣ ва нишебии қаторкӯҳи Туркистон ҷойгир буд. Он манзилгоҳи деҳқоне мебошад, ки асосан аз санг сохта шудааст, бинобар он то замони мо омада расидааст. Манзили истиқоматии Хон Яйлов 500х140 метр масоҳатро дарбар гирифта, аз гузаргоҳҳои хурд иборат аст. Он сад адад ҳуҷраи хурдро дар бар гирифта, дар маҷмӯъ аз 7 копллекс иборат мебошад. Аз рӯи бозёфтҳои ҳафриёти бостоншиносӣ ва хоси хусусияти меъмории Хон Яйлов онро ба асрҳои X-XII ва ҳатто пештар аз он мансуб дониста мешавад. Нақшаи меъмории онро бо хусусиятҳои меъмории он ба ду қисми истиқоматӣ: макони

ташреҳии маишии истиқоматӣ ва хонаҳои бисёрҳуҷрагии алоҳида дар бар мегирифт. Манзили истиқоматии аҳолӣ маълум мешавад, ки аз девори яккабатаи дар як вақт сохташуда иборат буда, деворҳои муҳофизатӣ мавҷуд нестанд [12,с.609].

Меъморӣ, ҳунари шаҳрсозӣ дар Уструшана яке аз паҳлӯҳои тадқиқоти муҳаққиқони соҳаи меъморӣ Р.Муқимов қарор гирифта, оид ба ин масъала як қатор рисолаву мақола рӯи чоп омадааст. Меъмории шаҳру навоҳии Уструшана осори зиёде боқӣ гузоштааст ва дар асоси он доир ба паҳлӯҳои ҳунари шаҳрсозӣ, меъморӣ, сохтмони биноҳо, истифодаи масолеҳи сохтмон, аз ҷумла хишту гилхок дар иншоот, чӯбу кандакорӣ ва ороишоти қасру биноҳо маълумот оварда шудааст [14]. Дар рисолаи дастҷамъии «Шаҳрсозӣ дар кӯҳистони Тоҷикистон: анъана ва ва масоили имрӯза» [11,с.24] низ аз бинокории қадима ва асримиёнагӣ доир ба шаҳрҳои Осиёи Миёна маълумоти ҷолиб оварда мешавад. Зикр мегардад, ки пойтахти Уструшана шаҳри Бунҷикат дар асрҳои VIII-IX аз шаҳрҳои сеқисмата иборат буд, ки боқимондаҳои он кӯҳандиз (Қалъаи Қаҳқаҳа II), шаҳристон бо қасри ҳоким (Қалъаи Қаҳқаҳа I) ва работ (Қалъаи Қаҳқаҳа III) тақсим мешавад.Кӯшки Ӯртақурғон дар наздикии ноҳияи Шаҳристони имрӯза ҷойгир аст. Санъати меъмории ин кӯшкро Р.Муқимов таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки он иборат аз ду қабат буда, андозааш 18х16 аст. Манзилгоҳи мазкур шояд қаср бошад, ки бо деворҳои қасрмонанд иҳота шудааст ва дар канори он бурҷ мавҷуд аст. Бо нақшаи сохтори қаср тарҳи манзилгоҳиро дар атрофи толор дар бар гирифтааст. Барҷастагии толори қабул андозаи калонро дар бар гирифтааст (9,55х7,90 м). Нақшаи ин манзил бо он фарқ дорад, ки дорои суфа буда, ба минтақаи шимолӣ сохта шуда, ба назар бо меъмории дузинадор катмонандро соҳиб аст [15,с.55].Осори дастҷамъии олимон ва муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла “Донишномаи Сомониён” [7], “Маҷмӯаи ёдгориҳои таърих ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” [28], “Таърих, меъморӣ ва фарҳанги Уструшана” [8,с.214-397] аз муҳимтарин масъалаҳои мавриди омӯзиш қарор гирифтаи моро баррасӣ ва таҳлил намудааст.

Санъати бинокорию меъмории Уструшана таваҷҷӯҳи баъзе муҳаққиқони хориҷиро низ ба худ ҷалб сохтааст.Пеш аз ҳама муҳаққиқон ва уструшаншиносони рустабори ӯзбекистонӣ А.А.Гритсина [5] ва М. Пардаевро [23] бояд ном бурд, ки дар таҳқиқоти худ ҷанбаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Уструшанаро дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба масъалаи шаҳрсозӣ ва меъмории Уструшанаи шимолӣ ва шимолу ғарбӣ маълумоти муҳим ва шавқовар додаанд.Дар мавриди боқимондаи ёдгориҳо дар ҳудуди Уструшана чигунагии маданият ва ба кадоме аз услуби меъмории маҳаллӣ шабоҳат ва тафовут доштани он зикр мегардад, ки амсоли маданияти қайроқуммӣ бо ҷузъиёти худ фарқ мекунад. Ба ин маданият ҳамчунин ёдгориҳои Собот (Хонтеппа, Саганактеппа, Саганактерра 1) қисми поёнии шаҳри Муғтеппа, Ширин ва ғайраҳо дохил мешаванд [5,с.18-19].Бостоншиноси ӯзбекистонӣ Б.Тӯйчибоев чунин меҳисобад, ки барои сохтмони иншооти зикршуда мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷойи муносиб аз ҷиҳати иҷтимоию сиёсӣ ҷойи муносиб доштаро муҳим меҳисобиданд. Ҳангоми сохтмони кӯшкҳои Уструшана ботаваҷҷӯҳ ҷои аз ҳама беҳтарро интихоб кардаанд: қалъаи Қаҳқаҳа II, Чилҳуҷра ва Ӯртақурғон дар баландӣ ҷойгир шудаанд. Ғайр аз ин, табиат, масъалаи бо об таъминкунӣ ба ҳисоб гирифта шуда буд. Ӯртақӯрғон аз Қалъаи Қаҳқаҳа II дар соҳили Шаҳристонсой, Чилҳуҷра дар назди чашмаи калон ва Мунҷоқтеппа дар соҳили дарёи Сир воқеанд [30,с.11]. Муҳақиқи варзидаи эронӣ доктор Муҳаммадризо Ноҷӣ дар рисолаи худ, ки бевосита ба таърих ва тамаддуни замони Сомониён бахшидааст, ба шаҳрсозию меъмории Уструшана низ маълумоти муҳим додааст [22]. Муҳаммадризо Ноҷӣ менигорад, ки аз рӯи манбаъҳои таърихию ҷуғрофӣ маълум аст, ки шаҳрҳо ва марказҳои бузурги фарҳангӣ ба қисматҳои алоҳида тақсим мешуданд. Бахусус шаҳрҳои бузург ва муҳим аз шаҳристон ё шористон (дар арабӣ ал-мадинату-д-дохила) ба манзалаи аслии шаҳр; куҳандиз (арабишудаи «куҳандиж»)-қалъаи қадим ва мустаҳкам, ки дарун ё беруни шаҳристон буд ва рабаз, ки ба нуктаи маскунии ҳавлу ҳуши шаҳр мегуфтанд [22,с.601]. Барои мисол марказ ва пойтахти Уструшана шаҳри Бунҷикатро овардан мумкин аст, ки он аз се қисм: кӯҳандиз, шаҳристон ва рабаз иборат буд. Дар маҷмӯаи биноҳои сангии Чилдухтарон, ки рӯи теппаи баланде дар ҷанубии харобаи Бунҷикат (Қалъаи Қаҳқаҳа) воқеъ шудааст, масҷиди кӯчак ва бузурги сутундоре кашф шудааст, ки ба охири садаи IX ва XI тааллуқ дорад [22,с. 629-630].Натиҷаи таҳқиқи маълумоти сарчашма ва осори олимон нишон медиҳад, ки аксари ахбори сарчашмаҳо ва бозёфтҳои бостоншиносии ёдгориҳо боқимондаи қисми кӯҳандиз ва работи шаҳри Уструшана маҳсуб ёфта, иншооти маишии аҳолии маҳаллӣ кам ба назар мерасанд. Агар боқимондаи хонаҳо истиқоматӣ маҳфуз монда бошанд ҳам, он дар қисми работи шаҳрҳо, дар

назди дӯконҳои ҳунармандӣ, ё ин ки кӯшкҳо ошкор шудаанд.Мавриди тазаккур аст, ки дар натиҷаи ҳафриёти харобаҳои Бунҷикат ва ёдгориҳои атрофи он бозёфтҳои нодири меъморӣ, рассомӣ, санъати кандакории рӯи чӯб, ҳунари гулканӣ кашф шуд. Ҳамзамон ин амал нишон дод, ки шаҳри Бунҷикатро яке аз марказҳои калонтарини мадании Тоҷикистон ва Осиёи Миёнаи асримиёнагӣ тавсиф додан мумкин аст. Ҳафриёти якчанд бинои истиқоматӣ, ҳунармандӣ ва қасрҳо дар Қалъаи Қаҳқаҳа I ва II, кӯшкҳои Чилҳуҷра ва Ӯртақӯрғон, иншооти посбонии Тиримизактеппа, хонаи истиқоматӣ, хонаи оҳангарӣ, биноҳои хоҷагӣ, ду масҷид ва қариб даҳ мақбараи Чилдухтарон, тадқиқоти деворҳои шаҳри Бунҷикат аз санъати баланди меъморӣ, бинокорӣ, истифодаи анвои гуногуни масолеҳи сохтмон мушоҳида мешавад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абулқосим, Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам/Ҷайҳонӣ А.// Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 39-78.
2. Ал-Истахри. Книга путей и стран/Истахри А.// [Китаб] Масолик ал- мамолик: пер. З.Н. Ворожейкиной, Я. Крапольского. Материалы по истории киргизов и Киргизии. – М.: Наука, 1973. – 280 с.
3. Бартольд, В.В. Отчет о поездке в Среднюю Азию с научной целью: 1893-1894 гг./В.Бартольд. – Петербург, 1897. – 151 с.
4. Воронина, В.Л. Архитектура дворца Калаи Кахкаха I/В.Воронина// История, архитектура и искусство Уструшаны. Составитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 231-266.
5. Грицина, А.А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н.э. – начале XIII в.н.э. (археолого-топографическое исследование): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 06/Грицина Аликсей Андреевич. – Самарканд, 1990. – 24 с.
6. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 328-329. – 976 с.
7. Донишномаи Сомониён. – Ҷилди 1-2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008-2009.
8. История, архитектура и искусство Уструшаны. Составитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов – Душанбе: Контраст, 2013. – 588 с.
9. Лыкошин, Н.С. Очерк археологических изысканий в Туркестанском крае до учреждения Туркестанского кружка любителей археологии/Н.Лыкошин// Среднеазиатский Вестник, июль и сентябрь. – Ташкент, 1896. –169 с.
10. Мамаджанова, С. Архитектурные памятники Уструшаны VI-X вв: исследование и реконструкция: автореф. дис. … кан. архит. наук: 18.00.01/Мамаджанова Салия. – Москва, 1983. – 19 с.
11. Мамаджанова, С. Градостроительство горного Таджикистана: традиции и современные проблемы/С.Мамаджанова, Р.Мукимов,М.Шерматов.–Душанбе:Дониш-Мерос,1997.– 132 с.
12. Мамаджанова, С. Архитектура средневековой Уструшаны/С.Мамаджанова/История и зодчество Истравшан средних веков//Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. Материальная культура Уструшаны. Вып. 8. – Душанбе: Ому, 2003. – 790 с.
13. Мирбобоев, А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования. Материальная культура Уструшаны. Вып. 6/А.Мирбобоев//Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. (Материальная культура Уструшаны. – Вып. 5-8. – Душанбе: Ому, 2003. – 790 с.
14. Мукимов, Р. Кирополь – Истаравшан – Ура-Тюбе: памятники средневекового зодчества Ура-Тюбе и его округи/Р.Мукимов, С.Мамаджанова. – Душанбе: Мерос, 1993. – 144 с.; Мамаджанов, С. Традиции и современность в архитектуре Истаравшана/С.Мамаджанова, Р.Мукимов // Дарё. - № 1. – Душанбе, 2002. – С. 28-33.
15. Мукимов, Р.С. Зодчество Таджикистана (история архитектуры и строительного дела Таджикистана)/Р.С.Мукимов, С.М.Мамаджонова. – Душанбе: Маориф, 1990. – 176 с.
16. Негматов, Н. Средневековый Шахристан/Н.Негматов, С.Хмельницкий. Материальная культура Уструшаны. – Вып. 1. – Душанбе: Дониш, 1966. – 200 с.
17. Негматов, Н. Ураткурган и Тирмизактеппа/Н.Неъматов, У.П.Пулатов, С.Г Хмельницкий: материальная культура. – Вып. 2. – Душанбе: Дониш, 1973. – 144 с.; Негматов, Н. Археологические памятники Шахристанской котловины // История, архитектура и искусство Уструшаны; отв. ред. А.Раджабова.–Душанбе:Контраст,2013. – С. 28-51.
18. Неъматов,Н.Н.Асрори Истаравшан- [Загатка Истаравшан]/Н.Н.Неъматов.–Душанбе: Ирфон, 1972. – 51 с.
19. Негматов, Н. Уструшанский компонент Среднеазиатской культуры раннего средневековья/Н. Негматов//Раннесредневековая культура Средней Азии и Казахстана:

тезисы Всесоюзной научной конфренции в г. Пенджикенте Таджикской ССР, 26-31 августа 1977. – С. 13.
20.Неъматов, Н.Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои 1Х-Х/Н.Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
21.Негматов, Н. Уструшана/Н.Негматов//Археология Средней Азии и Дальний Восток: Средняя Азия в раннем средневековье. – М: Наука, 1999. – С. 114-130.
22.Ноҷӣ, Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён/М.Ноҷӣ: баргардон Л.Бойматов. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – 1295 с.
23.Пардаев, М. Х. Северо-Западная Уструшана в эпоху раннего средневековья: по материалам нижнего течения р.Сангзар: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06/Пардаев Мухтаркул Хасанович. – Ташкент, 1995. – 21 с.
24.Пулатов,У.П. Чильхудржра/У.Пулатов//Материальная культура Уструшаны. – Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1975. – 200 с.
25.Пулатов, У.П. “Дом огня” в Уструшане/ У.Пулатов// Раннесредневековая Средняя Азии. – Душанбе, 1973; Пулатов, У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г.// Археологические работы в Таджикистане. – 1993. – Вып. 24. – С.20-26.
26.Рахимов, Н.Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи (I тыс. до н.э. - I тыс. н.э.)/Н.Рахимов. – Худжанд: Меъроҷ, 2015. – 268 с.
27.Рахимов,Н.Т.Урбанизация Средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э.–середина II тыс.н.э:дис….д-ра ист.наук:07.00.06/Н.Т.Рахимов.–Душанбе, 2007. – 352 с.
28.Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. – Книга первая: Согдийская область; под общей редакцией академика Р.Масова. Авторы – составители Рустам Мукимов, Сайёра Мукимова. – Душанбе: Дониш, 2013. – 665 с.
29.Смирнова, О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г./О.Смирнова// Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – М., - Л.: Наука, 1953. – С. 189-230.
30.Туйчибаев,Б.Б.Уструшана в древности и раннем средневековье (по археологическим материалам): автореф. дисс. кан.ист.наук: 07.00.06/Б.Б.Туйчибаев. – Самарканд, 2004. – 24 с.
31.Ҳудуд-ул-олам. Ибни Ҳавқал Сурат-ул-арз. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо.Таҳияи Зариф Шариф. – Душанбе: Адиб, 2008. – 212 с.
32.Якубов, Ю. Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма/Ю. Якубов. – Душанбе, 1988. – 286 с.

## REFERENCES:

1. Abulqasim, Jayhoni. Ashkol-ul-Alam / Jayhoni.A // Samanids in the Mirror of History. –V.2. - Khujand: Rahim Jalil State Publishing-House, 1998. - P. 39-78.
2. Al-Istakhri. Book of Ways and Countries / Istakhri A.// [Kitab] Masolik al-mamolik: trans. Z.N. Vorozheykina, Ya. Krapolsky. Materials on the history of Kirghiz and Kirghizia. – M.: Science, 1973. – 280 p.
3. Bartold, V.V. Report on a Trip to Central Asia for Scientific Purposes: 1893-1894 / V. Bartold. – SPb., 1897. - 151 p.
4. Voronina, V.L. Architecture of the Palace of Kalai Kaxkaxa / I.V.Voronina// The History, Architecture and Art of Ustrushan. Compiled by R. Mukimov: under the editorship of A.Radjabov - Dushanbe: Contrast, 2013. - P. 231-266.
5. Gritsina, A.A. Northern Ustrushan in the Middle of the 1-st Millennium BC - the Beginning of the XIII-th Century AD. (archaeological and topographical research): synopsis of candidate dissertation in history: 07. 00. 06 / Gritsina Alixei Andreevich. - Samarkand, 1990. - 24 p.
6. Gafurov, B.G. Tajiks: The Ancientest, Ancient, Mediaeval and New Period / B.G. Gafurov. - Dushanbe: Modern, 2020. - P. 328-329. – 976 p.
7. Somoniyon Encyclopedia. – V.1-2. - Khujand: Light of Enlightenment, 2008-2009.
8. History, Architecture and Art of Ustrushan. Compiled by R. Mukimov: under the editorship of A. Radjabov - Dushanbe: Contrast, 2013. - 588 p.
9. Lykoshin, N.S. Essay on Archaeological Research in Turkestan Region before the W Establishment of Turkestan Circle of Archeology Lovers / N. Lykoshin // Central Asian Bulletin, July and September. - Tashkent, 1896. - 169 p.
10. Mamadzhanova, S. Architectural Monuments of Ustrushan Referring to the VI-th – the X-th Centuries: research and reconstruction: synopsis of candidate dissertation in history: 18.00.01 / Mamadzhanova Saliya. - Moscow, 1983. - 19 p.

11. Mamadzhanova, S. Urban Planning of Mountainous Tajikistan: traditions and modern problems / S. Mamadzhanova, R. Mukimov, M. Shermatov. - Dushanbe: Meros, 1997. - 132 p.
12. Mamadzhanova, S. Architecture of Medieval Ustrushan / S. Mamadzhanova / History and architecture of Istravshan in the Middle Ages // Ancient Ustrushan: cities, their localization and chronology. Material culture of Ustrushan. Issue. 8. - Dushanbe: Omu, 2003. - 790 p.
13. Mirboboev, A. Dahmaki Kurkata: excavations and research. Material culture of Ustrushan. Issue. 6 /A.Mirboboev//Ancient Ustrushan: cities, their localization and chronology. (Material culture of Ustrushana. - Issue 5-8. - Dushanbe: Omu, 2003. - 790 p.
14. Mukimov, R. Kiropol - Istaravshan - Ura-Tyube: monuments of medieval architecture of Ura-Tyube and its environs / R. Mukimov, S. Mamadzhanova. - Dushanbe: Meros, 1993. - 144 p.; Mamadzhanov, S. Traditions and Modernity in the Architecture of Istaravshan / S. Mamadzhanova, R. Mukimov // Daryo. - No. 1. - Dushanbe, 2002. - P. 28-33.
15. Mukimov, R.S. Architecture of Tajikistan (history of architecture and construction of Tajikistan) / R.S. Mukimov, S.M. Mamadjonova. - Dushanbe: Enlightenment, 1990. - 176 p.
16. Negmatov, N. Medieval Shakhristan / N. Negmatov, S. Khmelnitsky. Material culture of Ustrushana. - Issue. 1. - Dushanbe: Knowledge, 1966. - 200 p.
17. Negmatov, N. Uratkurgan and Tirmizakteppa / N. Nematov, U.P. Pulatov, S.G. Khmelnitsky: material culture. - Issue. 2. - Dushanbe: Knowledge, 1973. - 144 p.; Negmatov, N. Archaeological monuments of the Shakhristan basin // History, architecture and art of Ustrushan; resp. ed. A. Radjabov. - Dushanbe: Contrast, 2013. - P. 28-51.
18. Nematov, N.N. Mystics of Istrushan / N.N. Nematov. – Dushanbe: Cognition, 1972. – 51 p.
19. Negmatov, N.N. Ustrushan Component of the Central Asian Culture of the early Middle Ages / N.N. Negmatov // Early Medieval Culture of Central Asia and Kazakhstan: Abstracts of the All-Union Scientific Conference in Penjikent, Tajik SSR, August 26-31, 1977. - P. 13.
20. Nematov, N.N. Samanids State: Tajiks in the IX-th – the X-th Centuries / N.N. Nematov. - Dushanbe: Cognition, 1989. - 304 p.
21. Negmatov, N.N. Ustrushan / N.N. Negmatov // Archeology of Central Asia and the Far East: Central Asia in the early Middle Ages. – M.: Science, 1999. - P. 114-130.
22. Noji, Muhammadrizo. Islamic culture and civilization in Samanid territory / M. Noji: transferred by L. Boymatov. - Dushanbe: ER-Graph, 2011. - 1295 p.
23. Pardaev, M. Kh. North-Western Ustrushan in the early Middle Ages: based on materials from the lower reaches of the Sangzar river: synopsis of candidate dissertation in history: 07.00.06 / Pardaev Mukhtarkul Hasanovich. - Tashkent, 1995. - 21 p.
24. Pulatov,U.P.Chilkhudrzhra/U.Pulatov//Material culture of Ustrushan.-Issue.3.-Dushanbe: Knowledge, 1975. - 200 p.
25. Pulatov, U.P. The House of Fire in Ustrushan / U. Pulatov // Early Medieval Central Asia. - Dushanbe, 1973; Pulatov, U.P. Works of Dahkat Group in 1984 // Archaeological work in Tajikistan. - 1993. - Issue. 24. - P. 20-26.
26. Rakhimov, N.T. Urbanization of the middle part of the Syr Darya basin (I millennium BC - I millennium AD) / N. Rakhimov. - Khujand: Meroq, 2015. - 268 p.
27. Rakhimov, N.T. Urbanization of the Middle part of the Syrdarya basin: 1000 BC - middle of II millennium AD e: doctoral dissertation in history: 07.00.06 / Rakhimov Nabidzhon Turdialievich. - Dushanbe, 2007. - 352 p.
28. Code of historical and cultural monuments of Tajikistan Republic. – Book one: Sughd region; under the general editorship of Academician R.Masov. The authors are compilers Rustam Mukimov, Sayyora Mukimova. - Dushanbe: Knowledge, 2013. - 665 p.
29. Smirnova, O.I. Archaeological exploration in Ustrushan in 1950 / O. Smirnova / / Materials and research on archeology of the USSR. No. 37. Proceedings of the Tajik archaeological expedition. - M., - L.: Science, 1953. - P. 189-230.
30. Tuychibaev, B.B. Ustrushan in antiquity and the early Middle Ages (based on archaeological materials): synopsis of candidate dissertation in history: 07.00.06 / Tuychibaev Bakhodir Bosimovich. - Samarkand, 2004. - 24 p.
31. Hudud-ul-olam. Ibni Ҳавқal Surat-ul-arz. Muhammad Obidi Irshod. Chahorbogyi gulho.Tahiyai Zarif Sharif. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2008. - 212 p.
32. Yakubov, Yu. Early medieval rural settlements of the mountainous Sughd: to the problem of the formation of feudalism / Yu. Yakubov. - Dushanbe, 1988. - 286 p.